# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ (Душанбе, 2026. - 207 с.)

**1. Мутобиқати мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба ихтисосҳои илмие, ки дар доираи онҳо таҳқиқот анҷом дода шудааст.** Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.5. - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудаанд, мувофиқат мекунанд. Мавзӯи таҳқиқоти мазкур ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020 №503 тасдиқ гардидааст, дохил шуда, ба банди нӯҳум «масъалаҳои марбут ба ҳуқуқшиносӣ» мувофиқат менамояд.

**2.Мубрамият ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи интихобнамудаи муаллиф ба яке аз самтҳои муҳими илми ҳуқуқи меҳнат – танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат бахшида шудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ, рақобатпазирии бозори меҳнат, рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва таҳкими шарикии иҷтимоӣ, масъалаи такмили низоми идоракунии меҳнат аҳаммияти хосса касб менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии меҳнат, ҳамоҳангсозии онҳо бо стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадам ба таври возеҳ эҳсос мегардад. Ҳалли ин мушкилот таҳияи консепсияи нави илмиро талаб менамояд, ки дурнамои рушди танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои мураккаби таҳқиқоти илмӣ ба назар гирад.

Дар диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин маҳз кӯшиши ҳалли чунин мушкилоти муҳими иҷтимоӣ-меҳнатӣ ба амал бароварда шудааст ва бояд эътироф намуд, ки он дар илми ватанӣ оид ба ҳуқуқи меҳнат аввалин таҳқиқоти маҷмуи мебошад, ки ҳамаи ҷанбаҳои онро фаро мегирад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти пешниҳодшуда мубрам ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

**3. Дараҷаи таҳқиқи масъала ва навгонии илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Тоҷиддини Баҳриддин ва натиҷаҳои он бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд, инчунин равишҳои таҳқиқоти илмии муаллиф ба масъалаи мавриди омӯзиш ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Навоварии илмии таҳқиқот аз маҷмӯи мафҳумҳои ҳуқуқӣ, хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои дар диссертатсия коркардшуда, инчунин тавсияҳои амалӣ иборат аст, ки бешубҳа доктринаи ҳуқуқи меҳнатро дар самти танзими

ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият мебахшанд ва барои ташаккули консепсияҳои нави илмии танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо замина мегузоранд.

Як қатор мукаррароти дар диссертатсия овардашуда метавонанд ба қатори дастовардҳои муҳими навоварии илмӣ мансуб дониста шаванд, махсусан он муқаррароте, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки мафҳуми муосири «идоракунии меҳнат» аз нигоҳи ҳуқуқӣ асоснок карда шудааст; низоми муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба идоракунии меҳнат мушаххас гардидааст; нақши субъектҳои асосӣ (мақомоти давлатӣ, корфармоён, кормандон ва иттифоқҳои касаба) дар ин раванд аз нав арзёбӣ шудааст; пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ манзур гардидаанд; лоиҳаи Консепсияи идоракунии меҳнат барои давраи 2026–2036 таҳия шудааст, ки аҳаммияти амалии баланд дорад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ**. Хулосаҳо ва мавқеъҳои илмии муаллиф дар таҳқиқот тавассути истифодаи усулҳои умумиқабулгардидаи таҳқиқот асоснок карда шудаанд ва эътимоднокии онҳо бо далелҳои мушаххаси илмӣ тасдиқ мегардад. Ҳамаи мукаррароте, ки дар диссертатсия барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар асоси таҳлил ва муқоисаи назарияҳо ва хулосаҳои илмии мавҷуда асоснок карда шудаанд.

**5. Мазмун ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсия мантиқӣ буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва замима ба диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Муаллиф доираи васеи манбаъҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалиро истифода бурда, масъалаҳои асосии идоракунии меҳнатро дар се боб ба таври мантиқӣ ва пайдарпай таҳлил намудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда мешавад, дараҷаи коркарди илмии он муайян мегардад, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, объекти он ва мавзуи таҳқиқот, асоси методологӣ ва эмпирикии таҳқиқот баён карда мешаванд, аҳамияти назариявӣ ва амалии он ошкор мегардад, унсурҳои асосии навоварӣ ва муқаррароте, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин апробатсияи муқаррароти асосии диссертатсия нишон дода мешаванд.

Дар **боби якум** масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди ниҳоди идоракунии меҳнат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф мафҳум, моҳият ва шаклҳои асосии муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнатро асоснок намуда, таҳаввулоти таърихии онро баррасӣ мекунад. Аз натиҷаи таҳқиқ фарқияти байни мафҳуми «идоракунии меҳнат» бо мафҳуми «ташкили меҳнат» муайян гардида, назари муаллиф дар бораи он ки идоракунии меҳнат мафҳуми васеътар буда, он ҳам танзими ҳуқуқӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоии онро фаро

мегирад, ташкили меҳнат бошад танҳо ҷанбаҳои техникӣ, технологӣ ва иқтисодии (тақсимоти вазифаҳо, муътадилсозии равандҳо, стандартикунонӣ) меҳнатро дар бар мегирад, қобили таваҷҷуҳ аст. Мафҳуми идоракунии меҳнат пешниҳод мегардад, ки ба назари муаллиф мазмуни ҳуқуқии ин мафҳумро пурратар ифода мекунад.

Ҳамчунин дар ин бахши таҳқиқот бо назардошти тахти таъсири равандҳо ва омилҳои гуногун рушд қарор доштани институти идоракунии меҳнат, ки мавзуи танзими минбаъдаи он аз шаклгирии муносибатҳои нави ҳуқуқии ин бахш вобастагӣ дорад, номгуи проблемаҳое, ки дар таҳқиқи минбаъдаи идоракунии меҳнат афзалият доранд, муайян шудаанд.

Аломатҳо ва хусусиятҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнат дар мазмуни меъёрҳои қонунгузории меҳнат ошкор карда шуда, муаллиф исбот намудааст, ки муносибатҳои меҳнатии идоракунии меҳнат ба муносибатҳои вобастаи меҳнатӣ мансуб буда, онҳо метавонанд қабл аз муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳамчунин дар раванди муносибаҳои меҳнатӣ арзи вуҷуд намоянд. Хулосаи муаллиф дар хусуси он ки муносибатҳои ҳуқуқии зикршуда, муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди идоракунии меҳнат аз ҷониби субъектҳои идоракунии меҳнат ва дигар сохторҳои ваколатдори ташкили идоракунии меҳнат, ба вуҷуд меоянд, воқеан ҳам қобили дастгирист.

Дар **боби дуюм** заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудаанд. Муаллиф таносуби танзими байналмилалӣ ва миллӣ, нақши санадҳои локалӣ ва аҳаммияти инфрасохтори иттилоотиро нишон медиҳад. Аз натиҷаи таҳқиқ хулоса шудааст, ки яке аз принсипҳои асосии танзими ҳуқуқии меҳнат ин ташкили идоракунии меҳнат дар сатҳи миллӣ ва сатҳи локалӣ маҳсуб мешавад. Назари муаллиф дар бораи он ки принципи мазкур бояд ба сифати мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои қонунгузории меҳнат муқаррар карда шавад, қобили таваҷҷуҳ буда аҳамияти муҳими илмӣ дорад. Дар ин бахши кор хусусиятҳои хоси танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ошкор карда шуда, ки тибқи ин назария предмети танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба идоракунии меҳнат буда, заминаҳои танзими он бошад, аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва милии идоракунии меҳнат аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии меҳнат, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат, барномаву ҳуҷҷатҳои стратегӣ, санадҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ, инчунин шарҳҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборатанд.

Ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, ки масъулияти асосии корфармо маҳсуб мешавад, дар замина ва асоси меъёрҳои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба

меҳнат ба роҳ монда мешавад. Вобаста ба ин, дар кор хусусият ва сохтори санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ташкилот мушаххас карда шуда, ин санадҳо вобаста ба хусусияташон ба санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ ҷудо карда шудаанд. Дар таҳқиқот шартномаҳои коллективӣ ҳамчун воситаи муҳимми идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ эътироф мешавад ва зикр мегардад, ки он нақши пуррасозии холигиҳо ва бартарафсозии норасогиҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои идоракунии меҳнат иҷро мекунад.

Дар **боби сеюм** низоми субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии меҳнат таҳлил гардидааст. Ваколатҳои мақомоти давлатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармоён ва нақши кормандон ва иттифоқҳои касаба бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд. Аз натиҷаи таҳқиқ муайян карда шудааст, ки ваколатҳои мақомоти идоракунии меҳнат вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба идоракунии меҳнатро дар сатҳҳои он ба аз ду гуруҳи асосӣ иборатанд: ваколатҳои дорои хусусияти ташкилӣ ва ваколатҳои дорои хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ ҷудо намудааст. Ошкор карда шудааст, ки дар Кодекси меҳнати ҶТ ваколатҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии меҳнат тақсимбандӣ нагардидааст, ки ба назари муаллиф мушаххас намудани ваколатҳои ин мақомот дар КМ ҶТ ба мақсад мувофиқ аст.

Моҳияти ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармоён ва намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат, асосҳои қабули қарорҳо ва доираи амали онҳо доир ба идоракунии меҳнат мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шуда, муайян мешавад, ки корфармо ҳамчун субъекти асосии идоракунии меҳнат дар сатҳи локалӣ, тибқи қонунгузории меҳнат ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии дохилӣ аз як қатор ваколату салоҳиятҳо бархурдор аст. Ба назари муаллиф, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат дар қиёс ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ тибқи шартномаи меҳнатӣ фарқ дорад, зеро ба вуҷуд омадан, амал намудан ва қатъи ин ҳуқуқу уҳдадориҳои корфармо дар идоракунии меҳнат бештар дар заминаи мавҷудияти якчанд далелҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад. Танзими ҳуқуқии иштироки кормандон, иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони онҳо дар идоракунии меҳнат, ҳуқуқу имкониятҳои онҳо дар ин самт, таҳқиқ шуда, дар заминаи он ошкор шудааст, ки Кодекси меҳнати меъёрҳои мушаххасро дар бораи тартиб ва шароити иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот, аз ҷумла ҳолатҳои ширкат намудан дар муҳокима ва қабули қарорҳо вобаста ба масъалаҳои меҳнат, пешбинӣ накардааст. Пешниҳоди муаллиф дар хусуси он ки қонунгузор бояд принсипҳо ва механизми татбиқи ин ҳуқуқро, аз ҷумла тавассути низоми шарикии иҷтимоӣ мушаххас намояд, воқеан ҳам қобили баррасӣ аст. Ҳамчунин пешниҳодҳо дар бораи ба Кодекси меҳнати ҶТ ворид намудани тағйиру

иловаҳо бо мақсади истифодаи истилоҳи ягонаи «бо машварат ва ризояти намояндагони кормандон» аҳамияти муҳим дорад.

Дар хулосаи диссертатсия мухтавои натиҷаҳои таҳқиқот ҷвмъбаст гардида, дар тавсияҳои амалӣ як қатор пешниҳодҳои мушаххас барои такмили қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур шудаанд. Ҳамчунин ба диссертатсия лоиҳаи Консепсияи рушди идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026 -2036) пешниҳод шудааст, ки барои соҳаи идоракунии меҳнат аҳамияти стратегӣ дорад.

**6.Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи меҳнат истифода шаванд; дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд; дар фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо татбиқ гарданд; ҳамчун маводи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд..

7. **Нашри натиҷаҳои таҳқиқот оид ба мавзуи диссертатсия.** Муқарраароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 11 мақолаҳои муаллиф инъикос ёфтаанд, 6 – тои он онҳо дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Маводи диссертатсия бо ишораҳои дахлдор ба муаллифон ва манбаъҳои иқтибос истифода шудааст, ки риоя гардидани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмиро нишон медиҳад.

8. **Мутобиқати тартиб ва тарҳбандии диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Сохтори илмӣ, пайдарпаии бобҳо ва зербобоҳои диссертатсия, инчунин мавзуъҳои баррасишуда дуруст ташкил ва тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шудаанд. Ҳамаи саҳифаҳои диссертатсия рақамгузорӣ гардида, рақамҳо дар қисми поёнии саҳифа ба таври мутамарказ ҷойгир карда шудаанд. Автореферати диссертатсияи Тоҷиддини Бахриддин пурра ба мухтавои он мутобиқат намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферати диссертатсия аз он дарак медиҳад, ки муаллиф мутахассиси омодашуда ва баландихтисос ва дар ҳалли масъалаҳои илмӣ салоҳиятнок, мебошад.

**9. Камбудиҳо ва нуқсонҳо.** Дар баробари дастовардҳо, дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд, ки аз муаллиф ҳангоми ҳимояи диссертатсия тавзеҳоти иловагиро талаб мекунанд:

1. Дар зербоби 1.1-и диссертатсия муаллиф кӯшиш мекунад, ки мафҳуми «идоракунии меҳнатро» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ муайян

намояд. Вале ҳангоми таҳлили назарияҳои гуногун (саҳ. 22-24) мафҳумҳои марбут ба менеҷменти иқтисодӣ (Тейлор, Гастев, Мактаби муносибатҳои инсонӣ, Шекин Г.В.) бе тафовутгузории зарурӣ ба матн дохил карда шудаанд. Дар саҳифаи 21 муаллиф меорад: «Идоракунии меҳнат - маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад...» ки дар он ҷанбаҳои иқтисодӣ (бозори меҳнат, ҳавасмадгардонӣ, омодасозии кадрҳо) ва ҷанбаҳои ҳуқуқӣ омехта шудаанд. Дар саҳифаи 23 ӯ иқтибос меорад: «ҳосилнокии меҳнат натанҳо бо ташкили саъю кушиш, балки бо муносибатҳои байни одамон... муайян карда мешавад» (Майо), ки ин ҷузъи ҳуқуқии мафҳум нест.

Ин равиш боиси он мегардад, ки сарҳади байни «идоракунии меҳнат» (категорияи ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат) ва «менеҷменти захираҳои инсонӣ» ҳамчун категорияи иқтисодӣ-менеҷментӣ норавшан боқӣ мемонад.

2. Дар зербоби 2.1 муаллиф 11 конвенсия ва 6 тавсияи ТБМ-ро номбар кардааст (саҳ. 64-66), аммо таҳлили муқоисавии онҳо бо қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Масалан, дар саҳифаи 65 Конвенсияи ТБМ № 150 (1978) «Дар бораи танзими масъалаҳои меҳнат: нақш, вазифаҳо ва ташкилидиҳӣ» зикр шудааст, вале дар ҳеҷ ҷои матн ишора нашудааст, ки кадом моддаҳои КМ ҶТ ба ин конвенсия мувофиқат мекунанд ва ё чӣ гуна меъёрҳои он дар қонунгузории миллӣ инъикос ёфтаанд.

Дар саҳифаҳои 74-76 муаллиф Созишномаҳои генералӣ ва минтақавиро таҳлил мекунад, аммо бо Конвенсияи ТБМ № 144 (1976) «Дар бораи машваратҳои сеҷониба барои пешбурди татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат» муқоиса намекунад. Ин боиси он мегардад, ки хулосаҳо дар бораи «аҳаммияти калони стандартҳои байналмилалӣ» (саҳ. 69) умумӣ ва бедалел боқӣ мемонанд.

3. Дар саҳифаи 83 муаллиф санадҳои меъёрии дохилиро (локалӣ) «ҳамчун воситаи муҳимми идоракунии меҳнат» эътироф мекунад. Дар саҳифаҳои 85-89 таснифоти санадҳои локалиро (ташкилӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ, иттилоотӣ) пешниҳод мекунад. Вале саволи асосӣ: санадҳои локалӣ сарчашмаи ҳуқуқ мебошанд ё танҳо шакли татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ? – бек ҷавоб мемонад.

Дар саҳифаи 90 як ҷумлаи умумие оварда шудааст: «санадҳои меъёрии дохилӣ бояд ба талаботи қонунгузории меҳнат пурра мутобиқат намоянд» – аммо ин мақоми ҳуқуқии онҳоро ҳамчун сарчашмаи мустақил муайян намекунад. Дар саҳифаи 97 боз ҳамон такрор: «санадҳои меъёрии дохилӣ... ба санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои маъмурӣ ва ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ ҷудо мешаванд» – вале боз ҳам саволи ҳуқуқии табиати санад бекор.

Ин мушкилот ба илми ҳуқуқи меҳнат ҷиддӣ аст, зеро дар доираи ихтисоси 5.5.5 масъалаи «меъёрҳои ҳатмии қонун ва меъёрҳои

диспозитивии санадҳои локалӣ» (байни онҳо робита ва ихтилоф) таҳлили ҷиддиро талаб мекунад, ки дар диссертатсия мавҷуд нест.

4. Дар саҳифаҳои 106-108 муаллиф салоҳиятҳои мақомоти давлатиро дар идоракунии меҳнат ба «хусусияти ташкилӣ» ва «хусусияти назоратӣ-таъсиррасонӣ» ҷудо мекунад. Дар саҳифаи 108 ӯ менависад: «Ваколатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии меҳнат дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ фарқ мекунанд» – аммо таҳлили мушаххаси ин фарқият вуҷуд надорад. Ба ҷои ин, дар саҳифаи 113 муаллиф такрор мекунад: «Моддаи 330-и КМ ҶТ ваколатҳои мақомоти маҳаллиро муайян намекунад». Дар саҳифаи 127 хулоса кардааст: «дар КМ ҶТ ваколатҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ тақсимбандӣ нагардидааст... ба мақсад мувофиқ аст». Вале худи ӯ ҳеҷ тақсимоти мушаххас пешниҳод намекунад.

Дар саҳифаи 127 муаллиф менависад: «ба КМ ҶТ моддаи 12(1) дар ин бора ворид карда шавад (матни он дар тавсияҳои амалӣ оварда мешавад)». Аммо ҳангоми таҳлили «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот» (саҳ. 169-170) матни моддаи 12(1) вуҷуд надорад. Дар саҳифаи 169 ишора шудааст: «ба Кодекс “моддаи 12(1). Салоҳиятҳои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар идоракунии меҳнат”» – вале худи матн оварда нашудааст. Ин таҳлили нопурра аст.

5. Дар саҳифаи 148 муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар КМ ҶТ «шаклҳо ва воситаҳои татбиқи ин ҳуқуқи кормандон» муайян нест. Дар саҳифаи 153 ӯ тафовути байни «ризояти намояндагони кормандон» ва «машварат бо намояндагони кормандон»-ро мебинад. Аммо таҳлили моддаи 13 КМ ҶТ рӯизаминӣ аст. Муаллиф навиштааст: «мақсади қонунгузорӣ аз машварати корфармо бо намояндагони кормандон ин ба даст овардани ризояти намояндагони кормандон аст» – вале худи ҳамин санад мегӯяд: «дар сурати ноил нагардидан ба созиш... корфармо ҳуқуқ дорад санадро қабул намояд» (саҳ. 153). Ин ду ноқисаи ҷиддӣ ошкор мекунад:

а) Агар корфармо метавонад санадро бидуни ризоят қабул кунад, пас «машварат» маҷбуран ҳадафи ба даст овардани ризоят нест – ин шакли расмии мубодилаи афкор аст, ки натиҷаи ҳатмӣ надорад.

б) Дар амалия, корфармоён аз ин ҳолати норавшан истифода бурда, санадҳои локалиро бе ризояти иттифоқи касаба қабул мекунанд, зеро меъёри моддаи 13 КМ ҶТ ба онҳо ҳуқуқ медиҳад.

Муаллиф дар саҳифаи 158 пешниҳод мекунад, ки истилоҳи ягонаи «бо машварат ва ризояти намояндагони кормандон» истифода шавад. Ин пешниҳод хуб аст, вале таҳлили заминаи ҳуқуқии он нокифоя аст: оё ин тағйирот ба Кафолатномаи ТБМ № 98 (1949) (Конвенсия дар бораи ҳуқуқ ба ташкилот ва шартномаҳои коллективӣ) мувофиқат мекунад? Дар диссертатсия чунин таҳлили байналмилалӣ вуҷуд надорад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда сатҳи илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд, дар маҷмӯъ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро кам намекунанд ва ба мазмуни кор таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи умумӣ.** Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, аз рӯи мазмун ба талаботи муқарраргардидаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисосҳои зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини директор оид ба илм ва таълими
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ ________________ Сангинзода Д.Ш.
«24» 04 2026
**Суроғаи муқарриз:**
734060, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Варзоб, хонаи №60
Тел.: +992 980850707
E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru
**Суроғаи муассиса:**
734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
Тел.: +992 (37) 2210572
E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com
Сайт: www.osiyoavrupo.tj

Имзои **Сангинзода Д.Ш**.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони кадрҳои Институти
омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ ________________ Игамова У.
«24» 04 2026 с.

ШУЪБАИ КАДРҲО